**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод гардидааст.**

Мавзуъ, мундариҷа ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (аз рӯйи самт ва соҳаи фаъолият) мутобиқат мекунад.

13.00.06 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, аз ҷумла: ба банди 1 – Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ, банди 11 – Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва банди 13 – Фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавию озмоишӣ ҳамчун манбаи рушди назария ва методикаи тарбияи томактабӣ мувофиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар марҳилаи имрӯза яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеа арзёбӣ мегардад. Зеро, ин масъала то кунун дар илми педагогикаи муосир ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Фаъолияти муассисаҳои томактабӣ, барномаҳо ва усулҳои кор бо кӯдакон, асосан, ба ташаккули маҳорату қобилиятҳои кӯдакон нигаронида шудаанд, ки ин ҳолат хислати маҳдуди дидактикӣ дошта, инкишофи эҷодии онҳоро ба пуррагӣ инъикос намекунад. Ин раванд ба таври стихиявӣ ва бенизом сурат мегирад.

Дар рӯзгори кунунӣ барои ҷомеа ва қонеъ намудани талаботи он наврасонеро ба камол расонидан зарур аст, ки фавқулода, яъне эҷодкорона андеша карданро дар ҳолатҳои гуногун доро бошанд. Ҳарчанд ин масъала

дар шароити имрӯза, то андозае роҳи ҳалли худро ёфта бошад ҳам, вале баъзан омилҳо ва ҳолатҳое пайдо мегарданд, ки ба ин раванд монеаҳо эҷод мекунанд. Аксар вақт кӯдакон дар раванди фаъолияти тасвирӣ маълумотро дар асоси усулҳои маъмулии анъанавии ҳалли вазифаҳо дар хотир нигоҳ доштаро такрор мекунанд. Ба кӯдакон пеш аз ҳама, заминаҳои эҷодгариро омӯхтан зарур аст, то ки ба эҷодкорӣ шуғл, меҳр ва шавқ пайдо намоянд. Такрории якрангаи амалҳо ҳолати хастагиро оварда, шавқу завқи омӯзиш ва равандҳои эҷодиро пахш мекунад. Дар ҳақиқат, илмҳои педагогика ва психология исбот намудааст, ки агар ба хонанда имконияти интихоб намудан дода шавад, шавқу ҳаваси ӯ нисбат ба хондан, навиштан ва иҷрои фаъолияти дигари таълимӣ меафзояд, онҳо аз таҷрибаи бадастовардаашон руҳбаланд мегарданд.

Аз ин лиҳоз, дар ҷараёни таълиму тарбия аз методҳои инноватсионии педагогӣ истифода намудан самаранокии фаъолиятро таъмин мекунад. Озодии комили кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ бо сарварии педагог таҳти ҳидояти волидайн усули нави таълим ба ҳисоб рафта, имкон медиҳад, то онҳо аз тахайюл ва эҷоди худ истифода намуда, раванди педагогиро тарҳи дигар бахшанд. Мафҳуми «эҷодкории кӯдакон» чунин мафҳумҳоро ба монанди: «дарки ашё», «тахайюл», «амали эҷодӣ» ва амсоли инҳоро дар бар мегирад, ки бо ҳам алоқаманд буда, моҳияти эҷодии онҳоро муайян мекунад.

Масоили ҳидоят намудани атфоли наврасида ба амалҳо ва машғулиятҳои эҷодӣ ва зина ба зина боло бурдани малака ва маҳорату бедор намудани шавқу завқу онҳо дар ҳама даврaҳои таърихи инсоният мавриди таваҷҷуҳи аҳли башар буда, дар ин росто, саъю кушишҳои зиёде ба харҷ додаанд.

Бояд қайд кард, ки Ҳукумати Тоҷикистон аз давраҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба рушди муассисаҳои томактабӣ, такмили низоми рукнҳои таълиму тарбияи миллӣ, устувор роҳандозӣ намудани педагогикаи мардумӣ

таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд, зеро аз шахсияти бомаърифат, таҳаммулпазир, далер, шуҷоъ, поквиҷдон, ватандӯсту ватанпарвар тақдири минбаъдаи насли оянда ва Тоҷикистони азизамон вобастагии калон дорад.

Муаллиф таъкид менамояд, ки машғул шудан ба фаъолияти тасвирӣ сифатҳои эстетикии кӯдакони синни томактабиро рушд мебахшад. Дар раванди фаъолияти тасвирӣ барои инкишофи дарки зебоипасандӣ ва эҳсос шароит фароҳам оварда мешавад, ки минбаъд ин ҳиссиёт ба эҳсосот ва муносибатҳои эстетикӣ ба ҳақиқати воқеӣ мубаддал гардад.

Ҳадафи андешаҳои фавқулзикр аз он иборат мебошанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Пачаева Муҳаё Пулатовна дар шароити имрӯза бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба рушди касбии мураббиён ба таълиму тарбияи кӯдак ва дар заминаи таҳаввулоту ислоҳоти куллие, ки солҳои охир дар соҳаи таҳсилоти томактабии Тоҷикистон таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Таъкид бомаврид аст, ки диссертатсияи муаллиф фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии вазифаҳо ва фарзияи илмӣ мебошанд. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Пачаева М.П., ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил гардида, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштаشудаpo ҳаллу фасл кардааст ҳамчунин дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳоднамудаи ӯ дар амал тасдиқи худро ёфтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот бо асосҳои назариявӣ, илмӣ ва воқеӣ тақвият ёфта, шубҳанок нестанд ва дар ташкили фаъолияти тасвирӣ омилҳои асосии педагогии баланд бардоштани фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар самти инкишофи эҷодии кӯдакон ошкор карда шудааст,аз ҷумла:

- мафҳуми «инкишофи эҷодӣ дар фаъолияти тасвирӣ» мушаххас карда шуда, шароитҳои педагогию равонии рушди он дар синни томактабӣ муайян карда шудааст;

- омилҳои асосии педагогиву равонии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ бедор намудани шавқу завқ ва рағбат буда, аз тарафи дигар дастгирӣ ва ҷонибдории калонсолон бо мақсади бартараф кардани ҳолатҳои эҳсосӣ ва аксуламалҳои онҳо, фароҳам овардани фазои мусоид барои зуҳури эҳсосот ва рафъи ҳолатҳои ҳаётан муҳим мебошанд, муайян ва мушаххас карда шудааст;

- дар ҷараёни инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ аз технологияи пешқадами инноватсионӣ ва роҳандозии барномаи педагогӣ барои мукаммал гардонидани раванди эҷодӣ тадбирҳо андешида шудаанд;

- барои бедор намудани қобилияти эҷодии мусаввирии кӯдакони дабистонҳо метавон аз барномаҳои махсуси телевизионӣ оид ба нақшофаринӣ ва тасвир истифода намуд. Тавассути шабакаи кӯдаконаи телевизонии “Баҳористон” шавқу ҳаваси атфоли наврасро эҳё бояд кард. Бидуни ин барои кашидани расм маводҳо ва ашёи одии ҳаётиро манзури кӯдакон бояд намуд;

- инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар асоси корҳои озмоишӣ ва натиҷаҳои ба даст омада, аз ҷиҳати илмӣ исбот карда шудаанд;

- натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст омада фаҳмиши назариявии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти тасвирӣ вусъат медиҳанд;

- дар асоси қиёси меъёр ва нишондодҳои таҳқиқот имконият пайдо гардид, ки ба сатҳи самаранокии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ баҳогузорӣ карда шавад.

Нуктаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Дар вуҷуди сиришти атфоли наврасидаи кӯдакистонҳо эҳё намудани эҷодкорӣ ва бедор намудани шавқу ҳавас нисбат ба оддитарин нишона ва аломатҳои ба санъати тасвирӣ ва хусусиятҳои хоси он; муҳайё намудани вазъу шароит ва ҳолатҳое ки кӯдакон ба дарку фаҳмиш ва эҳсосӣ зебоӣ ва санъати нафиса одат намоянд ва пайи эҷоду тасвир кушишу майл пайдо кунанд; ба шогирдони кӯдакистонҳо, қабл аз ҳама, омӯзонидани хосият ва моҳияти рангҳову ашё ва истифода намудани онҳо дар фаъолияти тасвирӣ дар асоси тасаввурот ва тахайюлот; фаъолияти эҷодӣ намуди ҷолибтарин барои кӯдакони синни томактабӣ, ки суробсозӣ, тартибдиҳӣ ва расмкаширо дар бар мегирад, маҳсуб меёбад; муҳимтарин шарти ифшои қобилиятҳои эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ин фароҳам овардани фазои ягонаи умумӣ, озодӣ ва бедор кардани шавқу завқ аст, ки ҳар як кӯдак аз комёбиҳо ва дастовардҳои худ шод мегардад; барномаи педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ то андозае раванди самаранокии машғулиятҳои эҷодии кӯдаконро баланд мебардорад; самаранокии раванди фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ зина ба зина тадриҷан аз ташаккули инкишофи эҷодии онҳо муайян карда мешавад.

Дар қатори нуктаҳои болозикр муаллиф меъёрҳо ва нишондодҳои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ чунин қайд намудааст:

- сифатҳои эҳсосӣ: некбинӣ, поквиҷдонӣ, инсондӯстӣ, пешсафӣ, самимӣ;

- сифатҳои маънавӣ: поквиҷдонӣ, фаъолӣ, инсондӯстӣ, муносибати мусбӣ бо шахсони дигар ва ба олами атроф;

- сифатҳои зеҳнӣ: ақлӣ, мантиқӣ, донишмандӣ, ҷаҳонбинӣ, инкишофи шуур, худшиносӣ ва дарки ҳадафҳои зиндагӣ;

- сифатҳои иродавӣ: мақсаднокӣ, таҳаммулпазирӣ, далерӣ, ташаббускорӣ, устуворӣ, интизом, масъулият, уҳдадорӣ;

- сифатҳои ахлоқӣ: меҳнатдӯстӣ, меҳрубонӣ, шафқат, хайрхоҳӣ, эҳтироми шахсони калонсол, ростқавлӣ.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Пачаева Муҳаё Пулатовна дар диссертатсия бештар адабиёти илмии соҳаи педагогика ва психологияи томактабиро мавриди таҳқиқ қарор дода, моҳияти онҳоро дар мустақилиятнокии кӯдакон ва фаъолияти эҷодии онҳо дар раванди машғулиятҳои тасвирӣ зимни ба роҳ мондани корҳои таҷрибавию озмоишӣ асоснок кардааст.

Ҷиҳати арзишмандии таҳқиқоти диссертатсионии Пачаева Муҳаё Пулатовна дар он аст, ки ӯ дар рисола самаранок ба роҳ мондани инкишофи эҷодии кӯдакон барои ноил гардидан ба маҳорату малакаҳои тасвирӣ ба хусусияти эҷодии онҳо заминаи устувор мегузорад.

Муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар интишороти зиёди расонаҳои соҳавӣ, дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод кардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро ба таври равшан исбот месозад.

Муаллифи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқоти худ, ҳадафу вазифаҳо, предмет ва мантиқи таҳқиқотро дар асоси таҳлили манбаҳои гуногуни иттилоотӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, методологияи илмӣ, истифодаи моҳиронаи методҳои таҳқиқотӣ ва таҷрибаи шахсӣ таҳия ва баррасӣ намудааст, ки арзиши баланди илмӣ ва амалӣ доранд. Натиҷаҳои пажуҳиши илмии довталабро метавон чунин арзёбӣ кард:

- воситаҳои босамари педагогии ташаккули инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти тасвирӣ коркард гардиданд;

- роҳҳо ва усулҳои методикаи инкишофи эҷодии кӯдакон ҳангоми фаъолияти тасвирӣ дар таҷриба амалӣ карда шуданд;

- муносибатҳои педагогӣ ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти тасвирӣ коркард гардиданд;

- аз натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд педагогҳо ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ дар фаъолияти худ баҳри беҳтару хубтар ба роҳ мондани фаъолияти тасвирӣ барои инкишоф додани эҷоди кӯдакон истифода намоянд.

- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд манбаи боэътимод барои баланд бардоштани савияи касбии кормандони муассисаҳои томактабӣ, такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ ва он шахсоне, ки ба корҳои илмӣ машғул мебошанд, гарданд.

Пачаева Муҳаё Пулатовна корҳои таҳқиқотӣ-озмоишии худро дар корҳои омӯзишиву таҳқиқотӣ ва таҷрибавию озмоишӣ дар шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили Стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамчунин иштирок ва ибрози андеша дар конференсияҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои илмӣ-

амалӣ (2019-2023). Аз он ҷумла: Суханронии муаллиф дар конференсияи илмӣ-амалӣ бо номи «Тарбияи кӯдакон тавассути фаъолияти эҷодӣ» (Душанбе - 2019), суханронӣ дар семинари илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Технологияи инноватсионии фаъолияти эҷодии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ» ( Душанбе - 2021) ба амал бароварда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар такмили фаъолияти эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ифода ёфта, аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки раванди инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ ба таври назариявӣ ошкор карда шудааст. Омилҳои ботинӣ ва зоҳирии мунтазам ва дар шакли ҷудогона муайян гардида, фаҳмиши педагогии имкониятҳо ва хусусиятҳои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар шароити муассисаҳои томактабӣ васеъ гардонида шудааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар мулоҳизаҳои зерин ифода меёбад:**

- воситаҳои босамари педагогии ташаккули инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти тасвирӣ коркард гардиданд;
- роҳҳо ва усулҳои методикаи инкишофи эҷодии кӯдакон ҳангоми фаъолияти тасвирӣ дар таҷриба амалӣ карда шуданд;
- муносибатҳои педагогӣ ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти тасвирӣ коркард гардиданд;
- аз натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд педагогҳо ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ дар фаъолияти худ баҳри беҳтару хубтар ба роҳ мондани фаъолияти тасвирӣ барои инкишоф додани эҷоди кӯдакон истифода намоянд.
- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд манбаи боэътимод барои баланд бардоштани савияи касбии кормандони муассисаҳои томактабӣ, такмили

ихтисоси кадрҳои педагогӣ ва он шахсоне, ки ба корҳои илмӣ машғул мебошанд, гарданд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:**

Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва натиҷаҳои асосии диссертатсияи Пачаева М.П. дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методӣ баррасӣ шудаанд. Аз натиҷаи корҳои ба анҷом расонидаи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои гуногун, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:**

Диссертатсия ва автореферати Пачаева Муҳаё Пулатовна ба тартиби таҳия ва талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия ба таври мухтасар мазмуни диссертатсияро ифода карда, доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф тасаввуроти аникро пайдо мекунад.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, асоснокии натиҷаҳои асосӣ, хулоса, муқаррароти таҳқиқоти озмоишӣ ва тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалу диаграммаҳо таъмин шудааст.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмои тоҷикӣ, тибқи муқаррароти Дастурамал, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, пайдарҳамии мантиқӣ ва мутасилии он ба пуррагӣ

риоя карда шудааст. Масъалаҳои баррасишаванда ба таври равшану возеҳ оид ба ҳар як боби диссертатсия дар алоҳидагӣ ва диссертатсия дар умум хулоса карда шудааст.

**Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:**

Бо вуҷуди муваффақиятҳо ва дастовардҳои илмию амалие, ки дар боло зикр шудаанд, кори диссертатсия аз камбудиҳо холӣ нест, қайд кардани онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия мадад хоҳад расонд:

1. Дар матни диссертатсия оид ба таъсири муошírати педагогӣ ба рушди фаъолияти эҷодию тасвирии кудакон маълумотҳои мушаххас ҷой дода мешуд, боиси боз ҳам гарон гаштани мазмуни кор мегардид.
2. Дар диссертатсияи муаллиф аз таҷрибаи мутахассисони ватанӣ намунаҳо кам оварда шудааст ва дар рӯйхати адабиёт ҳам номи муаллифони ватанӣ, ки дар ҳамин масъала кор кардаанд.

3.Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мавҷуд аст, ки ислоҳи онҳо боиси ғанӣ гардани мазмуну муҳтавои кор мегардад.

Албатта, камбудиҳову норасоиҳои дар кор ҷойдошта арзиши илмии онро паст намегардонад.

Ҳамин тавр, довталаб ба мақсадҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ба пуррагӣ ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст. Диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовна кори ба итмомрасидаи илмӣ – таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод гардидааст, ба талаботи

Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва бо тағироту иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023,№295 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва
касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров" Сабурӣ Хайрулло Мирзозода

**Маълумот барои тамос:**
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова 1;, тел.992928477607
почтаи электронӣ: saburov.67@mail.ru
Имзои Сабурӣ Хайрулло Мирзозодаро тасдиқ менамоям.

Сардори РҚ ва КМ – и МДТ "Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров" Ҳусейнова З.С.